*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 92 (4675) | ҶУМЪА, 14 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МАШВАРАТИ КОРӢ

**14-уми июли соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, Сарвазири мамлакат муҳтарам Қоҳир Расулзода, аъзои Ҳукумати кишвар, муовини якуми роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва роҳбарони як қатор идораву муассисаҳои давлатӣ машварати корӣ доир карданд.**



Дар кори машварат масъалаҳои вобаста ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, раванди ташаккулёбии буҷети давлатӣ ва тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла, оид ба васеъ намудани имкониятҳои ташаккулдиҳии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва хизматрасониҳо, баланд бардоштани рақобатнокии корхонаҳои саноатии кишвар, зиёд кардани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, мукаммалсозии қонунгузорӣ дар самти сармоягузорӣ ва беҳтар гардонидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии созмонҳои байналмилалӣ муҳокимаронӣ доир гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои давлатӣ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе вобаста ба таъмин намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар, иҷрои саривақтӣ ва босифати буҷети давлатӣ, рушди корхонаҳои истеҳсолӣ, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, ҷалби бештари сармоягузориҳо, хусусан сармояи мустақим барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳамчунин, дар кори машварат иҷрои саривақтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023 таҳти № 586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таъкид гардид.

**www.president.tj**

## ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

**12-уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як қатор воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ ба амал оварданд.**



Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қурбонзода Суҳроб аз вазифаи сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод гардида, Мирзомуродзода Рустам ба вазифаи сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

Ҳамчунин, сардорони раёсатҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар минтақа ва ноҳияи Рашт, Воҳиди махсуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои ҳаракати Сарвари давлат ва меҳмонони олиқадр, Раёсати экологӣ ва сайёҳӣ ва Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби кадрҳои соҳибтаҷриба таъин гардиданд.

Сардори давлат зимни суҳбат бо ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти зикргардида фаъолияти соҳаро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намуда, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта, пешгирии ҳама гуна қонунвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолатҳои зиёди қонуншиканӣ зимни идораи нақлиёт бо рақамҳои қалбакӣ, бе рақами қайди давлатӣ, итоат накардан ба талаботи қоидаи ҳаракат ёдовар шуда, барои тоза намудани сафи ҳайати шахсии Бозрасии давлатии автомобилӣ супориш доданд, ки тамоми кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ аз аттестатсия гузаронида шаванд.

Ба роҳбарияти мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ дастур дода шуд, ки минбаъд зимни ба кор қабул кардан ба маҳорати касбӣ ва дониши мукаммали кадрҳо диққати ҷиддӣ дода шавад.

**www.president.tj**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Испания озод намудани Ҳомидов Ҷ. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳомидов Ҷамшед Тағоевич бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Испания озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 12 июли соли 2023, № 601**

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Шуъбаи Созмони Милали Муттаҳид ва ташкилотҳои байналмилалии дигар дар Женева таъин намудани Шерализода Ш. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария Шерализода Шараф Аҳмадҷон ҳамзамон Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Шуъбаи Созмони Милали Муттаҳид ва ташкилотҳои байналмилалии дигар дар Женева таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 12 июли соли 2023, № 602**

## НАҚШИ ТАШАББУСҲОИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

**Зимни суханронӣ дар маросими пӯшидашавии Конфронси СММ, ки аз 22-юм то 24-уми марти соли 2023 ҷараён дошт, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки дар давоми Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об – ҳифзи пиряхҳо, ки пас аз 46 сол бори аввал баргузор гардид, ҳазорон нафарро ҷамъ оварда. Бо ташаббуси Тоҷикистон аз тарафи СММ соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шуда, минбаъд ҳар сол 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» таҷлил карда мешавад. Мутобиқи қатънома, СММ таҳти ҳамоҳангии Дабири кулли он Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро барои ҳифзи пиряхҳо таъсис медиҳад. Инчунин, соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси сатҳи баланд оид ба масъалаҳои хифзи пиряхҳо баргузор мегардад, ки дар арсаи байналмилалӣ аҳамияти таърихӣ-умумиҷаҳонӣ, таълимӣ-тарбиявӣ ва амалӣ дорад.**

Сарчашмаи асосии таъмин гардидани аҳолии ҷаҳон бо оби нӯшокӣ ин пиряхҳо ба ҳисоб меравад, аммо шиддати тағйирёбии иқлим ба ин манбаи об таъсири зиёд расонида, шуморае аз онҳоро аз байн бурда истодааст. Чунончи, дар натиҷаи гармшавии иқлим аз 14 ҳазор пиряхи Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 1000 пирях об шудаанд. Агар то ибтидои асри XX ёздаҳ фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро пиряхҳо ишғол мекарданд, ин нишондиҳанда дар нимаи аввали асри XX ҳашт фоиз ва дар интиҳои асри гузашта ба шаш фоиз расид. Агар раванди мазкур густариш ёбад, он гоҳ то соли 2050 бисёр пиряхҳои то як километри мураббаъ масоҳатдошта пурра нобуд гардида, майдони зери ях қарордошта 20-25 фоиз кам мешавад.

Тоҷикистон аз рӯи шумораи пиряхҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешсаф аст. Ҳарчанд пиряхҳо ҳамагӣ 6-8 дарсади қаламрави кишварро ташкил диҳанд ҳам, садҳо километри мукааб оби тозаро захира мекунанд. Қисми асосии пиряхҳо дар ҳудуди баландтарин қуллаҳои ҷумҳурӣ – Сомонӣ ва Абӯалӣ ибни Сино ҷойгиранд. Пиряхҳои бузургтарини Тоҷикистон рӯдхонаҳои Амударё ва Зарафшонро, ки оби онҳо ба кишварҳои поёноб – Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон ҷорӣ мешаванд, бо оби тоза таъмин мекунанд. Бузургтарин пиряхҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ дар Тоҷикистон ҷойгиранд. Тибқи иттилои «Маркази омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон», баландии пиряхҳое, ки аз нишебиҳои қуллаи Сомонӣ сарчашма мегиранд, ба 7400 метр аз сатҳи баҳр мерасанд. Пиряхҳои калонтарини Тоҷикистон дар ҷойи пайвастшавии қаторкӯҳҳои Академияи илмҳо, Дарвоз, Пётри 1 ва Ванҷу Язгулом ҷойгиранд.

бузургтарин пиряхи Осиёи Марказӣ - Федченко аз ҳамон ҷо сарчашма мегирад. Дар маҷмӯъ, 18 намуди пирях мавҷуд аст, ки қисми асосии онҳо ба шарқи кишвар рост меояд.

Бо мақсади ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи байналмилалӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон




ва 20-уми март «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» муайян карда шавад. Аз нимаи дуюми садаи XX мушкилоти глобалии экологӣ, ба монанди тағйирёбии иқлими Замин, олудашавии ҳавои атмосфера, вайроншавии қабати озонӣ, ифлосшавии оби Уқёнуси ҷаҳонӣ, камшавии захираҳои оби нӯшокӣ, вайроншавии сохтору таркиби сатҳи хок, коҳиш ёфтани гуногунии биологӣ, ҷойивазкунии экосистема ва таназзулёбии ландшафтҳо, рӯз то рӯз мураккаб мегарданд.

Аз таҳлилҳои гидрометеорологие, ки солҳои 1970-2015 гузаронида шудаанд, бармеояд, ки ин тамоюл боиси камшавии масоҳат ва ҳаҷми пиряхҳо ва афзудани офатҳои табиӣ гардидааст. То ҳол раванди тағйирёбии иқлим дар қиёс ба фарзияҳои гуногун аз нигоҳи илмӣ хулосабарорӣ карда нашудаанд.

Тоҷикистон дар тӯли соҳибистиқлолӣ таҳти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист вобаста ба масъалаи марбут ба обу иқлим ва экология, ки яке аз мавзӯъҳои калидии Рӯзномаи ҷаҳонии рушд ба ҳисоб мераванд, мавқеъ ва нуфузашро ҳамчун мамлакати ташаббускори ғояҳои башардӯстона устуворона нигоҳ дорад ва дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ба ҳайси кишвари пешсаф саҳми муносиб гузорад.

Александр Пиров, муҳандиси Маркази яхшиносии оҷонсии обуҳавошиносии Тоҷикистон зиёда аз 30 сол мешавад, ки ба омӯзиши пиряхҳо машғул аст. Ӯ гуфт: «Пиряхҳои Тоҷикистон дар марҳилаи таназзул қарор доранд. Барои пешгирии ин раванд коре кардан қариб ғайриимкон аст – иқлим зери таъсири омилҳои гуногун тағйир меёбад ва инро пешгирӣ кардан номумкин аст. Бояд пиряхҳоро назора кард. Барои намуна аз калонтарин пирях дар Осиёи Марказӣ – Федченко метавон мисол оварда, ки дар Помир ҷойгир аст. Он замоне се маротиба бузургтар буд ва дарозиаш то Лахш (ноҳияи наздимарзии Тоҷикистон бо Қирғизистон) мерасид. Баъдан раванди обшавии он сар шуд ва ҳоло дарозиаш ба 70 км мерасад, баъди даҳсолаҳо бошад, 2 километри дигар кам мешавад». Ба гуфти Пиров, нақши асосии гидрологии пиряхҳо ташаккул додани маҷрои дарёҳои бузурги кишвар мебошад. Ҳарчанд ҳиссаи оби пиряхҳо дар маҷрои солонаи дарёҳои бузург ба ҳисоби миёна чандон бузург нест ва 10-20 дарсадро ташкил медиҳад, аммо нақши пиряхҳо дар ин раванд ниҳоят муҳим мебошад. Пиряхҳо моро бо об таъмин мекунанд ва ин сарвати асосӣ аст. Гузашта аз ин, ин раванд, маҳз дар моҳҳое анҷом мешавад, ки кишвар ба об хеле ниёз дорад, яъне дар мавсими тобистону тирамоҳ. Вақте дар кӯҳҳо барф об мешавад, навбати пиряхҳо мешавад – онҳо дар ҳаҷми кофӣ ба водиҳо об медиҳанд. 80 дарсади обе, ки аз пиряхҳои Тоҷикистон ҷорӣ мешаванд, тавассути дарёҳои Зарафшон, Амударё ва Сирдарё ба кишварҳои ҳамсоя мераванд. Пиряхи Федченко дар Бадахшон ҷойгир буда, ба даҳгонаи бузургтарин пиряхҳои ҷаҳон шомил мешавад. Он қариб 50 шохоб дорад, ки баъзеашон бузургтарин пиряхҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мераванд (Бивачий, Наливкин, Витковский). Масоҳати он ҳамроҳ бо тамоми шохобҳояш 651,7 километри мураббаъ ва дарозии он 77 километр мебошад.

Яхшиносони тоҷик даҳсолаҳост, ки ба омӯзиши пиряхи Федченко машғуланд ва тавре маълум шудааст, он ҳаракат мекунад. Дар давоми тақрибан 40 соли мушоҳидаҳо маълум шуд, ки суръати миёнаи солонаи ҳаракати ин пирях аз 63 то 89 см дар шабонарӯз тағйир карда, ба ҳисоби миёна 73 см дар шабонарӯзро ташкил медиҳад. Яъне, вақте шумо ин матлабро мутолиа мекунед, бузургтарин пиряхи минтақа чанд миллиметр ҳаракат мекунад. Бино ба иттилои охирин, давоми 30 соли охир Федченко беш аз 3 километр масоҳатро аз даст дода, сатҳи он 50 метр паст фаромадааст.

Яхшиносони тоҷик маълум кардаанд, ки боз як пиряхи бузурги дигар – Зарафшон ҳам ба таври қобили таваҷҷуҳ кам шудааст. Аз соли 1960 то 2019 миқёси камшавӣ ё ақибнишинии он 4,8 километрро ташкил додааст.

Иқлимшиносони тоҷик арзёбии таъсири тағйирёбии ҷаҳонии иқлим ба пиряхҳои Тоҷикистонро анҷом додаанд. Дар натиҷаи мушоҳидаҳо маълум шуд, ки шурӯъ аз соли 1930 масоҳати умумии пиряхҳои кишвар тақрибан 30 дарсад коҳиш ёфтааст. Бино ба иттилои Оҷонсии обуҳавошиносии Тоҷикистон, 70-80 соли охир ҳарорати миёнаи солона дар кишвар, чӣ дар водиҳо дар баландии 1000 метр аз сатҳи баҳр ва чӣ дар кӯҳҳо дар баландии аз 2500 метр, боло рафтааст ва ин ба обшавии қисмати асосии пиряхҳо оварда мерасонад. Ин тамоюл дар баландкӯҳҳо низ, ки қисми асосии пиряхҳо ва барфҳои кишвар ҷойгиранд, мушоҳида мешавад. Агар дар соли 1950 ҳарорати миёнаи солона дар ин ҷойҳо дар сатҳи -2,1 дараҷаи селсия буд, пас дар соли 2020 он то 0,9 дараҷа боло рафтааст.

Сармутахассиси Маркази омӯзиши тағйирёбии иқлим ва қабати озони Оҷонсии обуҳавошиносии Тоҷикистон Абдурашид Тағойбеков сабаби гармшавии ҳаворо дар Тоҷикистон ба раванди тағйирёбии глобалии иқлим рабт медиҳад. Номбурда тағйирёбии босуръати иқлимро ҳалқаи сарбастае меномад, ки инсонҳо бо роҳи рушди саноатсозӣ, корхонаҳои саноатӣ, истифодаи нафт, газ ва ангишт ба он таъсир мегузоранд.

Президенти Шӯрои Аврупо дар солҳои 2014 – 2019 Доналд Туск ба нақши ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода, қайд кардааст: «Иқдомҳои пайдарпайи ҷониби Тоҷикистон беназиранд, зеро кишваре, ки дорои чунин манбаъҳои бузурги табиӣ мебошад, худро дар канор нагирифта, барои ҳалли мушкилоти сокинони сайёра ғамхорӣ мекунад».

Хулоса, нақши ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли мушкилоти умумиинсонӣ ва умумибашарӣ дар масъалаҳои об ва ҳифзи пиряхҳо беандоза калон буда, ҳалли он дар арсаи байналмилалию ояндаи рушди ҷаҳон, таъмини оби нӯшокии тоза ба аҳолии сайёра аҳамияти таърихӣ-умумиҷаҳонӣ ва илмӣ доранд. Олимон, мутахассисони соҳаи об ва ҳифзи пиряхҳо бояд дар ҳифзи пиряхҳо саҳми худро гузоранд.

**Абдулфаттоҳ РАҲИМОВ,**
**профессор, ноиби ректори бахши таълимии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров»,**
**Сафар ЭРКАЕВ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ВАЗИФАГУЗОРӢ БАРОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ

**Дар ҷаҳони муосир, вобаста ба зиддиятҳои байни кишварҳои олам, низоми муносибату алоқаҳои ҷамъиятӣ вайрон шуда, дар умум раванди зиндагӣ пур аз мушкилоти гуногун гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин низоми муносибату алоқаҳои байналмилалӣ вобастагӣ дошта, аз таъсири манфии он берун буда наметавонад. Ин як монеаи ҷиддӣ аст, ки боиси на ҳама вақт ҳадафмандона ва пурра ба анҷом расонидани нақшаю барномаҳои пешбининамуда мегардад.**

шаванд, ки ин боиси пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли навъҳои маҳсулоти дохилӣ мегардад.

Яке аз ҳадафи стратегии давлатамон саноатикунонии босуръат аст, ки он на фақат ба устувории иқтисодиёти миллӣ, балки дар асоси ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми ватанӣ, ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани иқтидори содиротӣ замина гузошта, сатҳи камбизоатӣ ва бекориро поин мебарад.

Дар шароити фарқкунандаи ВМКБ, дар ҳолати оғози бештари корҳо дар самти саноатикунонӣ, бо назардошти захираҳо ва имконоти мавҷудбуда, раванди воқеии пешрафти ин минтақаро таъмин намудан воқеӣ мегардад. Аз нигоҳи мо, дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят масъалаҳои ҳаётан муҳимро бо иҷрои корҳои зерин ба анҷом расонидан мумкин аст:

дани мутахассисони ибтидоии касбӣ ва касбии миёна, таъсис додани «Коллеҷи технологии касбу ҳунар» дар шаҳри Хоруғ бояд муҳим ва саривақтӣ бошад.

Маълум аст, ки барои саноатикунонии босуръат пешрафти соҳаи энергетика омили калидӣ аст ва рушди ин соҳа дар ВМКБ, имкони амалӣ намудани вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додашударо зудтар воқеӣ мегардонад. Маориф ва илм дар низоми бузурги ҷамъиятӣ бо тартибу махсусиятҳо, душворию монеаҳои миқёсан васеаш фарқ намуда, таваҷҷуҳ ва дастгирии бештар ва бардавомро металабад. Ҳоло гарчанде ин соҳаи калидии таъминкунандаи пешрафти ҷомеа, дар самти маблағгузорӣ, таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ пешрафт дошта бошад ҳам, тибқи таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «корҳои дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд.



Бояд донист, ки бе муайян кардани навъи мушкилиҳо, дарк ва таҳлили ҳаматарафаи онҳо, бе ба нақша гирифтани чорабиниҳо ва амал намудан барои ҳалли онҳо ба натиҷаҳои судбахш расидан номумкин аст. Агар нақшабандӣ дар ин самт дуруст ва бо пайдарҳамии мантиқӣ бошад, ҳалли мушкилот ва ислоҳи камбудиҳо осон даст медиҳад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ҳидоят намудан аз ҳар як сохтори давлатӣ ва нафари масъул ҳалли мушкилот ва ислоҳи камбудиҳо талаб карда мешавад. Дар робита бо ин, иҷрои принсипҳои вазифавӣ ва касбии масъулини ҷомеаи ҳуқуқбунёд, ба мисли «риояи интизоми молиявӣ, шаффофияту тобеият ва иҷрои босифати вазифаҳо, истифодабарӣ ва тақсими самараноки захираҳо, беҳтаргардонии мазмуни хизматрасонӣ, дар самтҳои аввалияи ҳаёт ҷорӣ намудани имтиёзҳо, додани кафолату сабукиҳо ба мардум, имкони гирифтани қарзҳои дастрас, дар раванди истифодаи технологияи муосир кам кардани дахолати омили инсонӣ, ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар коргоҳҳо, дастгирии давлатии ташаббусҳои созандаи ҳар як шаҳрванд ва ғайра», ки моҳиятан ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ифода мекунанд, дар раванди фаъолияташон талаб карда мешавад.

Вобаста ба риояи ин принсипҳо, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «фаъолгардонии иқтисодии аҳолӣ, афзун намудани пасандози моддиву маблағӣ ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандон, мазмунан тағйир додани мазмуни кори иқтисоду молияи ватанӣ, дар заминаи истифода аз захираҳои мавҷудбуда вусъат додани раванди ташкили корхонаҳои саноатии муҷаҳҳаз бо технологияи муосир», вазифагузорӣ шудааст. Ҳамзамон, дар самти рушд додани бахши хусусӣ ва дастгирии соҳибкорон, бо пешниҳоди имтиёзҳои ҳавасмандгардонӣ ва додани сабукиҳо дар сода гардонидани расмиёти иҷозатномадиҳӣ ва қарзгирии маблағ аз бонкҳо, ба вуҷуд овардани фазои сармоягузории мустақим дастур дода шудааст.

Дар сарҳати сиёсати давлатӣ мунтазам аз ҳадафи олии давлат- таъмин намудани зиндагии арзанда барои ҳар як шаҳрванд сухан меравад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ рушди устувор ва сифатноки ҷомеаро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки сатҳу сифати зиндагӣ, даромади пулии аҳолӣ, музди меҳнат, бақияи пасандозҳо, ҳифзи саломатӣ, дарозумрӣ ва коҳиши фавти шаҳрвандон беҳтар гардида, барои «баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ», аз ҳисоби захираҳои дохилӣ корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд тикунонӣ, бо назардошти захираҳо ва имконоти мавҷудбуда, раванди воқеии пешрафти ин минтақаро таъмин намудан воқеӣ мегардад. Аз нигоҳи мо, дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят масъалаҳои ҳаётан муҳимро бо иҷрои корҳои зерин ба анҷом расонидан мумкин аст:

1. Бунёди корхонаҳои хурду миёна барои «истихроҷу коркарди сангҳои бинокорӣ, ороишӣ» ва навъҳои дигари ашёи хом, ки захираашон зиёд аст. Захираҳои кифояи табиии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ҳалли «масъалаи истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва истеҳсоли маҳсулоти дохилии мамлакат»-ро воқеӣ мегардонад.

2. Сохтани корхонаи универсалӣ (бисёрсамта)-и коркарди маҳсулоти боғдорӣ, кишоварзӣ ва растанипарварӣ, ки захираашон дар вилоят кам нест. Иҷрои ин кор минбаъд ба инкишоф ва афзун гардонидани масоҳату маҳсулоти ин соҳаҳо мусоидат мекунад. Дар ин замина, «рушди саноати дорусозӣ» имконпазир гашта, ба маҳсулоти истеҳсолшавандаи ин соҳаҳо дар дохил ва хориҷи кишвар талабот мавҷуд аст. Ҳамзамон, бо иҷрои ин вазифаҳо, маданияти истифодаи самарабахши замину об ва ҳифзи захираҳои об чун сарчашмаи асосии тавлиди «энергияи сабз» ва «омили рушди иқтисоди сабз» ба тарафи мусбат боло меравад.

3. Бо таҳияи барномаи махсуси давлатӣ ташкил ва зиёдтар фаъол гардонидани кор дар самти рушди моҳипарварӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва дар вилоят ба роҳ мондани коркарди истеҳсоли маҳсулоти ин соҳаҳо.

4. Ташкили кор бо ҷалби воридсозии сармояи хориҷию дохилӣ бо мақсади коркарди обҳои минералии ҳудуди вилоят ва ба роҳ мондани содироти ин намуди маҳсулот.

5. Дар назди чашмаҳои зиёди шифобахш таъсис додани шифохонаҳо, марказҳои табобатӣ ва истироҳатӣ бо анвои муосири хизматрасонӣ.

6. Ҷалби сармояи хориҷӣ барои истихроҷи конҳои маъдан ва дигар канданиҳои фоидаовар.

7. Бунёди манзилҳои истиқоматӣ барои аҳолӣ, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала таъкид шудааст. Ҳалли ин мушкилот дар шаҳри Хоруғ ва маркази ноҳияҳо, ба ташкили оилаҳои нав, афзоиши аҳолии ин вилоят, ки рӯй ба камшавӣ дорад ва паст намудани шиддати муҳоҷирати зиёд мусоидат намуда, барои рушди устувор замина гузошта мешавад.

8. Вобаста ба талаботи раванди саноатикунонӣ, «рушди сайёҳии табобатӣ, куҳнавардӣ, экологӣ» ва «таълими калонсолон», тайёр намудани мутахассисони ибтидоии касбӣ ва касбии миёна...

ва дастгирии бештар ва бардавомро металабад. Ҳоло гарчанде ин соҳаи калидии таъминкунандаи пешрафти ҷомеа, дар самти маблағгузорӣ, таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ пешрафт дошта бошад ҳам, тибқи таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «корҳои дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд.

Афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ зарурати бунёди муассисоти таълимӣ-тарбиявӣ, бахусус сохти муосир ва мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳониро металабад. Агар соли гузашта «475 ҳазор шаҳрванди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон ва аз оилаҳои камбизоат», аз дастгирии молиявии давлатӣ бархӯрдор шуда бошанд, мантиқан, ин табақаи ниёзманд минбаъд низ дар фарогирӣ ба таҳсили дилхоҳ бояд мушкилот надошта бошанд.

Дастур ва вазифагузориҳо аз Паём моҳияти стратегӣ доранд ва ба андешаи мо, иҷрои корҳо дар ин самт на фақат ба зиммаи омӯзгору мактаб, балки аҳли ҷомеа вогузор шудааст. Вобаста ба ин, ба ҳамаи мо дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин мазмун вазифагузорӣ шудааст:

- «дар шароити нав эҳтиром ба мактабу муаллим бояд боло равад», чунки бе онҳо «шахс, мардум, миллат дар маърифати паст» қарор мегиранд ва «нодонӣ ва ҷаҳолат» заминаи «ноороми ва мавҷуд будани хатарҳо» мегардад;

- «сулҳу ваҳдат низ бо ҳидояти омӯзгор « ба даст омада, ба хотири «рушди неруи инсонӣ» ва «боло бурдани саводу маърифати аҳолӣ», соҳаи илму маориф бояд «сармоягузорӣ шавад ва ба омӯзгору хонанда шароити бештару беҳтар фароҳам гардад»;

- «таълимро ба талаботи замон ҷавобгӯ бояд намуд», то ки натиҷааш бо «кашфиёту ихтироот» анҷом ёбад;

- «усулҳои инноватсионии раванди таълим бо истифодаи технологияи муосир» барои «пайванд додани илм бо истеҳсолот» амалӣ карда шавад;

- ба «рушд бахшидани илмҳои муҳандисӣ ва технологӣ» диққати хоса равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, ҳар як шаҳрванди кишвар вобаста ба шуғл, касбу кор ва дигар ҳадафҳои баҳрабардорӣ аз зиндагӣ, метавонад нақшаи фаъолияташро ба таври фардӣ, ё гурӯҳӣ, бо тими муассисаву идора ё дар доираи низоми соҳавиаш таҳия намуда, онро ҳамчун иқдомоти созанда амалӣ намояд.

**Ғ. Қ. ҒАРИБШОЕВ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент**

# ҶДММ «РАВҒАНИ СОМОН» ФАЪОЛ МЕШАВАД?

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам бо сокинони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ суҳбатҳои хотирмон анҷом медиҳанд. Нуктаи муҳими чунин суҳбатҳои самимии Президент бо мардум аз гузаштаи худ ёд кардану талқини меҳнатдӯстӣ аст. Дар яке ёдовар мешаванд, ки замони ҷанги шаҳрвандӣ чӣ тавр ба гурезагон гандум додаанду дар дигаре аз пешаи деҳқонӣ мегӯянд. Дар сеюмӣ доир ба китобҳои хондаи як донишҷӯ суҳбат мекунанду дар чорумӣ аз хӯроку нонпазиҳои зани деҳотие...**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатиашон охири соли гузашта доир ба фаъол намудани корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусие, ки аз кор бозмондаанд ё нопурра фаъолият мекунанд, ба мақомоти дахлдор вазифаҳои мушаххас дода, аз ҷумла таъкид намуданд, ки вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон дар соли 2023 корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодомро тавассути муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосир бо иқтидори истеҳсолии солҳои қаблии онҳо барқарор намоянд.

«Ҳар вақте ки ба шаҳри Бохтар меравам, маро махсус ба кӯчае мебаранд, ки Корхонаи равғанкашӣ ҷойгир аст. Ҳамон корхонае, ки ман фаъолияти меҳнатиамро аз он шурӯъ кардаам, вале ҳоло валангор аст. Роҳбарияти вилояти Хатлон, соҳибмулкон ва соҳибкорон, ҳадди ақал, ба хотире ки Сарвари давлат фаъолияти меҳнатиашро аз ҳамин корхона оғоз намудааст, корашро барқарор кунед», - таъкид карданд Президенти мамлакат.

Вобаста ба ин супориши Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохторҳои гуногуни вилояти Хатлон муроҷиат кардем.

Мудири шуъбаи иттилооти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон



Баҳром Миров гуфт, ки дар ин маврид ягон маълумот надорем. Сармутахассиси шуъбаи саноат ва энергетикаи вилоят Маҳмадрасули Исмоил низ изҳори норозигӣ кард.

Мудири шуъбаи рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар Афзал Юсуфзода иттилоъ дод, ки аз Дастгоҳи иҷроияи Президент барои бозсозию ворид кардани таҷҳизоти замонавӣ мактуб омадааст. Номбурда гуфт, ки агар таҷҳизоти нав ҳам ворид кунанд, мушкили набудани ашёи хом боқӣ мемонад.

### ДАР СУҲБАТИ РОҲБАРИ КОРХОНА

Корхонаи равғанкашӣ, ҳоло ҶДММ «Равғани Сомон» ном дорад. Мо бо роҳбари он Карим Раҳмонов доир ба фаъолияти корхонаи мазкур ҳамсуҳбат шудем.

- Кори корхонаи мо мавсимӣ аст. Ҳоло кор намекунем ва кормандонамон дар рухсатии бемузданд, - гуфт дар аввали суҳбат Карим Раҳмонов.

Ба гуфти ҳамсуҳбати мо, ҳоло мушкили асосии корхона набудани ашёи хом аст. Ӯ мегӯяд, ки солҳои пеш хоҷагиҳои деҳқонӣ ба корхона чигит месупориданд, вале ҳозир ин тавр нест. Ҳар кадоме мувофиқи шароит ба корхонаҳои хусусӣ чигиташонро мефурӯшанд.

- Аз Вазорати саноат ва технологияҳои нав, ҳамчунин чанд нафар аз ҷумҳуриҳои Чин ва Ӯзбекистон ба корхона омаданд. Умед дорем, ки мушкилоти мавҷуда роҳи ҳал меёбад, - афзуд Карим Раҳмонов.

Мувофиқи маълумоти дастрас, ҳоло талаботи бозори истеъмолии мамлакат аз ҳисоби равғани истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 22 фоиз қонеъ аст.

Дар сурати ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои зикргардида талаботи аҳолии мамлакат бо равғани истеҳсоли худӣ беш аз 70 фоиз таъмин мегардад.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

**P.S.** Вобаста ба таъмини ашёи хом, ки дар матлаби мазкур таъкид шудааст, дар шумораи №24 (4607)-и рӯзномаамон аз 13 феврали соли равон зери унвони «Манфиати таҷдиди корхонаҳои равғанбарорӣ кадомҳоянд?» мақола чоп шуда буд. Мутаассифона, то ин дам на аз Вазорати кишоварзӣ ва на аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар бораи зиёд кардани майдони кишти зироатҳои равғандеҳ ҷавобе нагирифтаем.

# ВАНҶ: СОҲАИ КИШОВАРЗӢ РУШД МЕЁБАД

**Дар ноҳияи Ванҷ кишоварзон аслан ба рушди соҳаи растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ машғул мебошанд.**

Мудири бахши кишоварзии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ Ҷавҳарӣ Неъматов иттилоъ дод, ки дар ноҳия зиёда аз 85 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ дошта, бо саҳми замин таъмин мебошанд. Аҳолии ноҳия як қисми даромадро аз ҳисоби фурӯши меваю сабзавот, лӯбиёгиҳо ва чорводорӣ ба даст меоранд.

Дар соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 1458 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд. Аз ин дар майдони 562 гектар зироатҳои ғаллагӣ, аз ҷумла гандуми тирамоҳӣ - 144, гандуми баҳорӣ - 20, ҷав - 43, лӯбиё - 353, картошка - 428, сабзавот - 129 ва дар майдони 279 гектар кишти алафҳои бисёрсола гузаронида шуд.

Дар ноҳия соҳаи боғдорӣ сол ба сол рушд намуда, майдони боғот аз ҳисоби заминҳои партов зиёд мегардад.

Бо мақсади рушди соҳаи боғу токпарварӣ соли 2023 дар ҷамоати деҳоти ноҳия дар майдони 5 гектар боғи нав бунёд шуда, майдони 18 гектар боғҳои кӯҳна барқарор гардиданд.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**

# КИТОБҲОИ ДАРСӢ ТО КАДОМ АНДОЗА ТАЪМИН МЕШАВАНД?

**Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар айни замон норасоии китобҳои дарсӣ ба назар мерасад. Доир ба ин мушкилот бо сардори маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯз Мирзо ҳамсуҳбат шудем.**

**- Дар соли таҳсили 2023-2024 дар нашри китобҳои дарсӣ тағйирот ворид карда мешавад?**

-Ҳар сол нашри китобҳои дарсӣ тибқи дархосте, ки аз ҷониби раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад, ба нақша гирифта мешавад. Соли ҷорӣ нашри 76 номгӯи китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба нақша гирифта шуд. Китобҳо нашри такрорӣ буда, ба мазмуну мундариҷаи онҳо тағйирот ворид намешавад. Танҳо аз нигоҳи инъикоси арзишҳои миллӣ дар мазмуну мундариҷаи адабиёти таълимӣ ва ҷой надоштани андешаҳои хурофотӣ, инчунин риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, мутобиқати мазмуну муҳтавои адабиёти таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, нақшаю барномаи таълим ва дастовардҳои муосири илмӣ қабл аз чоп мавриди арзёбӣ қарор дода мешавад. Тибқи талаботи стандартҳои мавҷуда истифодаи матнҳои дароз, мураккаб, аз ҳад зиёд пешниҳоди матнҳои назариявӣ, мафҳумҳои илмии бе шарҳу эзоҳ, қоидаҳои ҳаҷман калон, рақамҳои фаровон барои хонандагон, дастгоҳи номукаммали методӣ бояд дар китоби дарсӣ ҷой дода нашаванд.

**- Муҳлати иҷораи китоб 3 сол муайян шудааст, вале дар баъзе мактабҳо он ҳатто 7-8 сол истифода мешавад.Чаро?**

- Китоб солҳои зиёд метавонад истифода шавад. Тибқи ҳуҷҷати меъёрии «Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гарони китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ», тартиби пардохти маблағи китобҳои дарсӣ ба шакли иҷоравӣ дар 3 сол (соли якум 34 дарсад, соли дуюм - 33 ва соли сеюм 33 дарсад муқаррар шудааст. Пас аз 3 сол китоб метавонад дар сурати ба талабот ҷавобгӯ ва коршоям будан бо нархи 50 фоизи соли сеюми иҷора ба хонандагон барои истифода дода шавад. Агар ба стандарти фан ва барномаи таълим тағйирот ворид нагардад, китоби дарсӣ метавонад даҳсолаҳо истифода бурда шавад.

**- Омилҳои душворфаҳм будани китобҳои дарсӣ кадомҳоянд?**

- Албатта, дар нашри аввали китобҳои дарсӣ чунин мушкилӣ то ҷое дида мешуд. Дар ин маврид мақолаю тақризҳои зиёд дар саҳифаҳои матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам нашр шуд. Кормандони Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ якҷоя бо сохторҳои дигари марбута, инчунин муаллифони китобҳо барои беҳтар кардани мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ тадбирҳои зиёд роҳандозӣ намуданд. Аз ҷумла, соли ҷорӣ аз ҷониби донишмандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гурӯҳҳои экспертизаи касбӣ ва экспертизаи ҷамъиятии китобҳои дарсӣ таъсис дода шуд. Ҳамзамон, дар сохтори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон раёсати таҳия, ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ таъсис дода шуд. Китобҳои дарсӣ баъд аз хулосаҳои ниҳоии раёсати таҳия, ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба чоп пешниҳод мешавад. Ҳамаи ин тадбирҳо барои беҳтар шудани мазмуну мундариҷаи адабиёти таълимии дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифодашаванда, бартараф гардидани камбудиҳо мусоидат мекунад.

**- Ҳоло дар ҷумҳурӣ чӣ миқдор китоби дарсӣ намерасад?**

- Эҳтиёҷот ба китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар аз рӯи дархости муассисаҳои таълимӣ, ки онҳо пешниҳод мекунанд, муайян карда мешавад. Ин дархост дар шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар ҷамъбаст ва ба муовинони вазири маориф ва илм пешниҳод карда мешавад. Вазорати маориф ва илм бо назардошти дархости муассисаҳои таълимӣ, дар ҳолати аз 15 ҳазор зиёд будани дархости китоби дарсӣ, эҳтиёҷоти муассисаи таълимиро ба назар гирифта, чопи онро ба роҳ мемонад. Ҳар 5 сол мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ таҷдид гардида, чопи такрории онҳоро ба нақша мегиранд. Айни ҳол эҳтиёҷот ба китобҳои дарсӣ дар асоси дархосте, ки солҳои қабл пешниҳод карда буданд, ба назар гирифта мешавад.



**- Дар ҳолати ҷой доштани камбудӣ кадом чораҳо андешида мешавад?**

- Дар ҳолати мавҷуд будани камбудӣ китобдорони муассиса дархост ва шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия онро ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод менамояд. Дар асоси дархост Вазорати маориф ва илм чопи китобҳоро, новобаста аз оне ки дар панҷ сол як маротиба чоп мешаванд, ба роҳ мемонад.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

# ИФТИТОҲИ РӮЗҲОИ ФАРҲАНГИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шоми ҳафтуми июли соли 2023 дар Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маросими ифтитоҳи Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он муовини Сарвазири мамлакат Сатториён Матлубахон, муовини вазири фарҳанги Федератсияи Россия Надежда Преподобная, муовинони вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Назариён Обид Одилзода ва Шарифзода Манучеҳр Муртазо, намояндагони корпуси дипломатӣ ва дӯстдорони фарҳангу ҳунар иштирок намуданд.**

Сатториён Матлубахон меҳмононро ба Тоҷикистони биҳиштосо хайра мақдам гуфта, баргузории Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Россия дар Тоҷикистонро барои ҳар ду кишвари дӯсту бародар падидаи неки фарҳангӣ арзёбӣ намуда гуфт, ки баргузории чунин чорабинӣ имкон фароҳам меорад мардуми ҳар ду кишвари дӯст аз фарҳангу тамаддун ва таомули ҳамдигар иттиллои бештар пайдо намоянд.

Надежда Преподобная аз пазироии самимона ва меҳмоннавозии тоҷикона миннатдорӣ намуда, таъкид намуд, ки ин чорабинӣ боиси боз ҳам мустаҳкам гардидани робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Россия мегардад.

Баъд аз ифтитоҳи чорабинӣ барномаи ҷолиби ҳунарии пианинонавози машҳур, Ҳунарманди халқии Россия Денис Матсуев манзури тамошобинон гардид.

Дар доираи баргузории Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати фарҳангии ин кишвар аз Китобхонаи миллӣ боздид карданд. Дар ин асно бобати ҳамкориҳои минбаъдаи фарҳангӣ, аз ҷумла баргузории барномаҳои ҳунарӣ, намоишҳои театрӣ, тарбияи мутахассисони соҳаи театру кино, роҳандозии дарсҳои маҳорати касбӣ, ибрози назар шуд.

Чорабинии мазкур то 13-уми июли соли равон идома дошта, ин муддат ҳайати 64 - нафараи меҳмонон Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Кохи Наврӯз, Боғи Ирам ва дигар мавзеъҳои ҷолиби пойтахт ва шаҳри Хуҷандро тамошо менамоянд.

Ҳунармандони бомаҳорат, аз ҷумла Ансамбли давлатии академии рақси халқии «Налмэс» - и Ҷумҳурии Адигея, барномаҳои ҷолибро манзури тамошобинон мекунанд.

**Ф. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# РОҲҲО - ВАСИЛАИ РАСИДАН БА ЗИНДАГИИ ШОИСТА





**Муҳтавои ин нукта дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар 23-юми декабри соли 2022 чунин баён гардидааст: «Дар ин ҷода, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат зарур аст, ки бо истифода аз имконияту ташаббусҳои созандаи соҳибкорону шахсони саховатманд корҳоро дар самти бунёду азнавсозии роҳҳои дохиливу байни деҳаҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва марказҳои шаҳру ноҳияҳо фаъол гардонанд».**

Аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатии кишвар сохтмону таъмири роҳҳо ҳамчун авлавият дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад, чунки таъмири роҳ воситаи расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди зист мебошад.

Манзур аз матлаби зикршуда таъмиру навсозии роҳҳои маҳаллии деҳоти «Даҳана» ва «Зиракӣ»-и шаҳри Кӯлоб мебошад, ки солҳост боиси ташвиши ронандаҳо ва сокинони он маҳал гардидаанд. Роҳҳои мавриди назар ба Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Кӯлоб мансубанд. Ба муассисаи мазкур 181,9 километр роҳи маҳаллӣ, 26,1 километр роҳи ҷумҳуриявӣ ва 18 километр роҳи моҳияти байналмилалидошта шомил мебошанд. Айни замон аз нисф зиёд - 100 километри роҳҳои моҳияти маҳаллидошта таъмирталабанд.

Роҳҳое, ки боиси нигаронист, дар деҳоти «Даҳана» ва «Зиракӣ»: Даҳана - Хонобод 12 км, Даҳана - Зиракӣ - 6,8, Даҳана - Тангатовтӣ - 6, Хонобод - аэропорт - 17, Даҳана - Кӯл - 7,1, Мирапоқ - Анваробод 3,5 километрро ташкил медиҳанд.

Имрӯз ҳаракат дар ин роҳҳо хеле дилгиркунанда аст. Ин роҳҳо се деҳот ва се ноҳия – Ховалинг, Муъминобод ва Восеъро бо ҳам пайваста, рафтуомад дар ин масир хеле фаъол аст, зеро аҳолии фақат як деҳоти «Даҳана» 35 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд.

Дар гузашта мардум барои ободонӣ ва рушди деҳаҳои хеш талош мекарданд. Ин як ҷузъи фарҳанги суннатии мо буд ва бояд таъкид кард, ки ватандорӣ ва эҳсонкорӣ кори хайр аст. Ин суннати таърихиро бояд эҳё кард. Аз ин хотир, соҳибкорон метавонанд бо ташаббус дар рушди роҳҳои маҳаллӣ саҳми бориз гузоранд. Ин нуктаро дар Паём дарҷ кардани Президенти кишвар низ бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳҳо, дастгирии соҳибкорон, дар маҷмӯъ рушди ҳамаҷонибаи деҳоти кишвар, мебошад.

Бахшида ба истиқболи арзанда аз Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бо ташаббус ва дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳо корҳои зиёде ба анҷом расонида мешаванд. Онҳо бо садоқат, дасту дили пок ва арзишҳои волои ватандорӣ дар ободонии диёри хеш саҳм мегузоранд. Масалан, соҳибкорон аз деҳоти «Ватан» -и ноҳияи Фархор мумфарш намудани роҳҳои маҳаллӣ саҳм гузоштанд. Дар ноҳияи Восеъ бо ташаббуси рӯзноманигор Садриддин Ҳасанзод ва дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ 7 километр роҳи нақлиётгарди Кадучӣ - Ғаллазор, ки 40 сол рӯи таъмирро надида буд, навсозӣ шуд. Иқдому тасмим ва таҷрибаи хуби соҳибкорон лоиқи дастгирист.

- Ин роҳҳо зиёда аз 40 сол аст, ки бетаъмиранд. Мо андози роҳ месупорем, литсензия мегирем, вале барои мусофиркашонӣ даҳҳо монеа ва мушкилот мавҷуд аст. Инро ҳар як ронандаи мусофиркаш медонад. Хизмати мо ба он хотир аст, ки барои қутти лоямут маблағ ёбем. Дар чунин роҳҳо сӯзишворӣ зиёд сарф мешавад, мошин пеш аз мӯҳлат фарсуда мешавад. Мо дар чунин роҳҳои душворгузар мусофир мекашонем ва мусаллам аст, ки мусофирон ҳам аз кори мо қаноатманд нестанд. Дар фасли зимистону баҳор бо мошинҳои ифлос ба шаҳр воридшавӣ аз рӯи одоб нест ва дар ҳар гардиш гирифтори маломат ва сарзаниши кормандони БДА мегардем, ки ин барои ронанда хушоянд нест. Бинед таъмир накардани роҳҳо чӣ мушкилоте ба бор меоварад, - мегӯянд ронандаҳо.

Ҳоли табоҳи ин роҳҳои мошингард на танҳо ронандаҳо, балки пиёдагардонро низ нороҳат кардааст, чунки ба онҳо низ мушкил эҷод мекунад.

- Барои ба манзил расидан вақти зиёд зоеъ мешавад. Кори таъҷилиро сари вақт ба анҷом расондан мушкил аст. Тасаввур кунед, ягон беморро фавран ба шифохона бурдан лозим! Ронандаҳо бошанд, маблағи сӯзишвории зиёди харҷшударо аз ҳисоби мусофирон ҷуброн мекунанд. Бе ин ҳам намешавад. Бо назардошти афзоиши бемайлони аҳолӣ теъдоди нақлиёт афзуда, мушкилоти роҳҳои автомобилгард ҳам печидатар мегардад. Роҳи ҳалли мушкилот, ин таъмири роҳҳо мебошад. Аз ин лиҳоз фарҳанги роҳдорӣ бояд риоя шавад, - гуфт сокини деҳаи ба номи Шералӣ Файзалии деҳоти «Даҳана» Ҳақдод Қаюмов.

Як сабаби ба ин ҳол афтодан ва аз мадди назар дур мондани ин роҳҳо барҳам додани фабрикаҳои мурғпарварӣ ва чорводорӣ дар деҳоти «Даҳана» мебошад. Агар дар ин масир корхонаҳои истеҳсолӣ мавҷуд мебуд ё ин корхонаҳо побарҷо мешуданд, рафтуомад шакл ва мазмуни дигар мегирифт, таъмири роҳ ба гӯшаи хотири касе мезад ва вазъи роҳҳо низ ба ин ҳолат намеафтиданд.

Агар дар баробари муассисаҳои давлатӣ соҳибкорон низ дар таъмири роҳҳо саҳм мегузоштанд, ҳам дастури Президенти кишвар иҷро мегардиду ҳам мушкилоти роҳ ҳал пайдо мекард.

Мардум ба он боваранд, ки вақте корҳо дар самти бунёду азнавсозии роҳҳои дохилию байни деҳаҳо дар сатҳи боло мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад, шояд Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки мақсад аз он вусъатбахшии бунёдкорию созандагӣ, ободу зебогардонии гӯшаю канори кишвар мебошад, ба ин таъсиргузор шавад. Чуноне Президенти мамлакат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар қайд карданд: «Ҳоло дар соҳаи нақлиёт боз 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Истифода ва татбиқи барномаҳои мазкур имкон медиҳад, на танҳо шоҳроҳҳо, балки роҳҳои маҳаллии солҳои сол таъмирталаб низ таъмир карда шаванд».

